ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи номзадии Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи "Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хоричии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб)

Мусаллам аст, ки ҳеҷ забоне дар дунё бе иртибот бо забонҳои дигар рушд намёбад ва ё фарҳангу адабиёт, ки дар натиҷаи таъсирпазириву таъсиргузорӣ ба таҳаввулу такомул мерасад. Забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ низ аз ин раванд берун набуда, махсусан бо адабиёти араб робитаҳои адабиву фарҳангии чандинҳазорсола дорад. Дар адабиёти классикии мо шоирону нависандагони зиёде ҳаст, ки баъзе асарҳояшонро ба ин забон эҷод кардаанд. Гузашта аз ин, таъсири фарҳангу забони форсӣ-тоҷикиро дар мероси шуарои араб ҳам метавон мушоҳида кард.

Автореферати диссертатсияи Холов Аълохуҷа Сайнозимович ба ҳамин мавзуи хеле муҳими арабшиносиву адабиётшиносии тоҷик бахшида шуда, таъсири ашъори Ибн ал-Форизро дар эҷодиёти мунзуму мансури Абдурраҳмони Ҷомӣ нишон дода, ҳамзамон нуфузи Ҷомиро дар фарҳангу адабиёти араб баррасӣ менамояд.

Мутолиа ва баррасии автореферати диссертатсияи Холов А.С. нишон медиҳад, ки он кори анҷомёфтаи илмист, бартариҳои зиёд дорад ва қадами ҷиддӣ дар таҳқиқи таъсиргузории Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ ба ҳисоб меравад. Сохтор ва муҳтавои автореферати мазкур ба талаботи таълифи автореферати диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, он ба пуррагӣ мундариҷаи пажуҳиши илмиро фаро гирифтааст. Хулоса ва натиҷагириҳои муҳаққиқ бонизом, мантиқӣ ва қобили эътимод мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқ, имкон дорад дар таълиф ва таълими таърихи робитаҳои адабии араб ва форсу тоҷик, таърихи адабиёти араб дар асрҳои миёна, адабиётшиносии муқоисавӣ, нусхашиносии осори Ҷомӣ ва ғайра мавриди истифода қарор дода шавад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 177 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад.

Дар боби аввали диссертатсия – "**Баррасии аҳвол ва ашъори Ибн ал-Фориз**" –, ки шомили ду фасл аст, муаллиф мавзуъҳои ҳаёту фаъолият, девони ашъор ва таснифи он, таҳлили мавзуоти шеърӣ ва хусусиятҳои адабии қасоиди Ибн ал-Форизро таҳлилу баррасӣ намуда, тазкираи "Нафаҳот-ул-унс"-и Ҷомиро дар омӯзиш ва шинохти шахсияти шоири мисрӣ пурарзиш мешуморад.

Боби дуюми диссертатсия, ки "**Абдурраҳмони Ҷомӣ ва адабиёти араб**" номгузорӣ шудааст, аз се фасл иборат буда, муҳаққиқ дар он таъсири адабиёти араб, махсусан, шоирони муаллақасарои давраи ҷоҳилӣ, мазмуну

мухтаво ва сохтори шеъри арабиро дар эҷодиёти Ҷомӣ бо шавоҳиди зиёд таҳлил намудааст. Инчунин саъй гардидааст, ки бо таҳқиқи масъалаҳои зикри Абдуррахмони Ҷомӣ дар сарчашмаҳои арабӣ, таъйини осори хаттии ӯ дар марказҳои мероси хаттии мамолики арабӣ, интишори онҳо ва тарҷумаҳои арабии марбут ба осори Мавлоно Ҷомӣ шуҳрату мақоми ӯро дар ҳавзаҳои адабии арабӣ муайян созад.

Дар боби сеюми диссертатсия – "**Таҳлили таъсиргузории ашъори Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдуррахмони Ҷомӣ**" – муаллиф бештар ба қасидаҳои маъруфи Ибн ал-Фориз "Тоияи кубро" ва "Хамрия" таваҷҷуҳ намуда, таъсири мазмуну мундарича ва таркиботи машҳури ин қасидаҳоро дар осори назмиву насрии Ҷомӣ муайян кардааст. Ба андешаи муҳаққиқ тарҷумаи "Тоия"-и Ҷомӣ дар адабиётшиносии Эрону Афғонистону Тоҷикистон чандон омӯхта нашудааст ва ба гумони инҷониб диссетатсияи номбурда ин холигии ҷомишиносиро пурра месозад.

Автореферати диссертатсияи муҳаққиқ бо забони хуби илмӣ таълиф гардида, андешаронӣ, сабки баён, таҳлилҳо ва хулосаю тавсияҳо мушаххасу боэътимоданд. Мақолаҳои чопнамудаи унвонҷӯ аз ҷиҳати теъдод ва мухтаво ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ буда, мухтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсия таҳқиқи мукаммали баанҷомрасида буда, дар рушди адабиётшиносии тоҷик, ба хусус омӯзиши робитаҳои адабии форсу тоҷик ва араб дар асрҳои миёна саҳми арзанда мегузорад.

Қисмати хулоса муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллифро дар бар гирифта, натиҷаи ҷустуҷӯҳои доманадори ӯ аз омӯзиши мавзуъ дар 13 нукта тазаккур ёфтаанд.

Аз мутолиаи диссертатсия ва автореферати он ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки муаллифи он дар ин кор ранҷи зиёд кашидаву адабиёти зарурӣ ҷамъоварӣ ва таҳлилу баррасӣ намудааст. Махсусан, бояд қайд кард, ки забони диссертатсия басо салису равон буда, талаботи услуби илмӣ дар он риоя шуда, ҷавобгӯйи меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ мебошад. Табиист, ки дар кори илмӣ-таҳқиқӣ дар баробари дастовардҳо, ки хеле зиёд буда, ба чанде аз онҳо ишорат намудем, баъзе норасоиҳои ҷузъиро низ мушоҳида намудан мумкин аст, ки ба назар гирифтани онҳо аз аҳаммият холӣ нест. Чунончи:

1. Таҳқиқ аз рӯйи нусхаҳои хаттӣ арзиши корро дучанд месозад, бинобар ин ба ин ҷанба таваҷҷуҳи бештар доштан ҳусни рисоларо меафзояд.

2. Дар автореферати диссертатсия баъзан такрори фикру андешаҳо ба мушоҳида мерасанд, ки хуб буд, бо ишорае иктифо карда шавад.

3. Бо вуҷуди он ки имлои охирини забони тоҷикӣ дар автореферати диссертатсия ба таври зарурӣ риоя гаштааст, вале баъзан ғалатҳои имлоӣ

(саҳифаҳои 3, 4, 19, 22) ба чашм мерасанд, ки рафъи онҳо боиси зинати кор хоҳад шуд.

Дар маҷмуъ, норасоиҳои номбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодаро халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо хусусияти таҳририю ислоҳшаванда доранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферат ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки аксарашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро мегиранд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) комилан мувофиқат менамояд. Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи "Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) сазовор аст.

Мукарриз:

Номзади илми филология, мудири шуъбаи
тавсиф ва таҳияи феҳристи дастхатҳои
Маркази мероси хаттии назди Раёсати
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Шарифов М.

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯч. Ҳусейнзода 35.
Тел.: + 992 935621308
E-mail: yazdoni0808@mail.ru

«13» январи соли 2023

Имзои М. Шарифовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Маркази
мероси хаттии назди АМИТ Майдонов М.

«13» январи соли 2023